“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”:
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
_________ Хайрзода Ш.
“ 2 ” _______ соли 2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба кори диссертатсионии Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

Донистани осори таърихиву фарҳангии гузаштагони халқи тоҷик ва ба ин васила, равнақ бахшидани тарбияи ватандӯстии насли наврас ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҷомеа қарор дошта, ташаккули он ба ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти давлатӣ ва иштироки фаъолона ҷиҳати расидан ба мақсад ва ҳадафҳои олӣ, мусоидат менамояд.

Иҷрои ин рисолати таърихӣ ба дӯши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзгороне, ки соҳиби донишҳои муосир ва амалгаро буда, фаъолияти пурсамарашон ба Ватану ватандорӣ бахшида шудаасту мақсадашон танҳо ояндаи неку пуршарафи Ватану миллат мебошад, гузошта шудааст.

Бо назардошти авзои сиёсии номуайяни ҷаҳони муосир ба роҳ мондани омӯзиши асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз воситаҳои зарурии ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ба шумор рафта, ҳадафи омӯзиш такмил ва нав кардани мазмуну шаклҳои корҳои беруназдарсӣ роҷеъ ба омӯзиши осори таърихиву фарҳангии ниёкон, баланд бардоштани ҳиссиёт

ва шуури миллӣ, эътиқод ва фаъолии шаҳрвандӣ, тарбия намудани хонандагон дар руҳияи шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва ватандӯст мебошад.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, нуҳ зербоб, хулосаи бобҳо дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳрасти адабиёт ва 1 замима иборат мебошад.

Бобҳо ва зерфаслҳои диссертатсия аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи рисола паҳлуҳои мухталифи масъаларо мавриди таҳқиқ қарор дода, аз сарчашмаҳои илмии зиёд истифода кардааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар мавзуи «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров» таҳия шуда, муҳаққиқ дар муқаддимаи таҳқиқот зарурати мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии мавзуи таҳқиқот, мавҷудияти муаммо ва ихтилофҳо, объект, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаи таҳқиқот инчунин ғояи пешбар, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва натиҷаҳои тадқиқотро баррасӣ кардааст.

Унвонҷӯ дар боби аввали диссертатсия масъалаи "Тарбияи ватандӯстии хонандагон-ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ"-ро мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин замина масъалаҳои: "тафсири умумии ташаккул ва тарбияи маънавии хонандагон", "тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир" ва "тафсири умумии таҳқиқоти солҳои охир оид ба тарбияи ватандӯстӣ"-ро барррасӣ кардааст ва ба хулосае омадааст, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ чун зербинои устувору боэътимод дар ба камолрасии насли солиму ватандӯст ба шумор рафта, масъалаҳои ватандӯстӣ инъикоси муҳаббат ба Ватани хеш, алоқамандӣ бо таъриху фарҳанг ва арзишҳои миллиро миёни хонандагон равнақ медиҳад. Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ омӯзгорону муассисаҳои таълимиро мебояд дар ҳамкорӣ бо оила, ки гурӯҳи иҷтимоӣ,

объекти муҳимми ватандӯстӣ дониста мешавад, ҳисси ватандӯстиву соҳибдавлатиро дар замири шогирдон коранд ва парвариш намоянд.

Муаллифи рисолаи илмӣ бо баррасии масъалаи "Тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир" таъкид кардааст, ки муассисаи таълимиро мебояд ба арзишҳои асосии таҳсилот афзалият дода , дар рушди шахс, дарки волои ватандӯстӣ, принсипи гуманистӣ, мафҳумҳои ваҳдат ва ифтихори миллӣ, баробарҳуқуқӣ, ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул ва ҳусни тафоҳуми хонандагон тадбирҳои зарурӣ ба амал барорад.

Ҳангоми таҳқиқи масъалаи "Таҳқиқоти солҳои охир оид ба тарбияи ватандӯстӣ" пешниҳод кардааст, ки: "дар замони истиқлоли давлатӣ назария ва методикаи фаъолияти педагогии омӯзгорон дар самти тарбияи ватандустӣ муҳим ба шумор рафта, такмилу инкишофи он муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ буда, мафҳумҳои «тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ», «тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ», «тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ», «ҳисси шаҳрвандӣ» мабнои тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисоб рафта, татбиқу истифодаи бошууронаи онҳо дар мактаб ҳисси шаҳрвандӣ, сифатҳои олии хештаншиносӣ, ватандӯстии хонандагонро баланд мебардорад. Арҷ гузоштан ба мероси ниёгон, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва гиромӣ доштани истиқлолу ваҳдати миллӣ, рамзҳои давлатиро дар ниҳоди онҳо таҳким мебахшад".

Диссертант зимни таҳқиқи боби дуюми диссертатсия «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва моҳияти тарбияи ватандӯстии он» сабабҳо, таърих ва ба чоп расидани асарро муфассал шарҳу тавзеҳ дода, таъкид менамояд, ки омӯхтан ва донистани таъриху фарҳанги ниёгон аз як ҷониб, худшиносию худогоҳии миллии хонандагонро ташаккул диҳад, аз тарафи дигар, онҳоро ба сабақҳои таърих, арзишҳои милливу умумибашарӣ шинос намудаву ба камолоти маънавию маърифатӣ мерасонад. Аз ин рӯ, муассисаҳои тҳсилоти миёнаро мебояд дар ин самт чораҳои мушаххас андешанд.

Муҳаққиқ бо таҳқиқи масъалаи "Қисмҳои асар ва мазмуни умумии онҳо" ба хулосае омадааст, ки: таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои пурифтихор доштаву корномаву анъанаҳои неки ба ёдгор гузоштаи ниёгонаш боиси ифтихор ва гиромидошти моанд. Ба ибораи дигар, таърихи халқи тоҷик барои ҳар як фарди ватандӯст ҳамчун сарчашмаи худшиносиву худогоҳӣ мавқеи асосӣ дорад. Аз ин рӯ, насли ҷавонро мебояд бо назардошти воқеаҳои дирӯза, ба дастовардҳои имрӯзаи миллати хеш беғаразонаву воқеъбинона баҳо дода, ба таъриху фарҳанг ва муқаддасоти он эҳтиром гузоранд. Зеро маҳз худогоҳии миллӣ, метавонад ҳастӣ ва пойдории давлату миллатро таъмин намуда, муттаҳидию давлатсозиро устувор созад.

Диссертант зимни омӯзиши масъалаи "Мавқеи тарбияи ватандӯстӣ дар китоби «Тоҷикон» таъкид менамояд, ки: "Тоҷикон"- аз воситаҳои воқеии рушди худшиносиву ватандӯстӣ шинос кардани хонандагон ба дастовардҳои таърихиву фарҳангии гузаштаи миллат, эҳёи ҷашнҳои аҷдодӣ, бузургдошти солгарди муҳимтарин санаҳои таърихӣ ва фарзандони фарзонаи миллат, бунёду азнавсозии мероси фарҳангӣ ва гиромидошти муқаддасоти давлатӣ мебошад. Ин асар восита ва тадбири муҳим дар самти худшиносӣ, тафаккури миллӣ ба шумор рафта, имкон медиҳад, ки наврасону ҷавонон аз гузаштаи худ, марзу буми аҷдодӣ ва корномаи ниёгон дар роҳи ватандорӣ ба таври воқеӣ огоҳ шаванд ва худшиносу худогоҳ шаванд, ифтихор аз давлату миллат намуда, ҳамчун ватандӯсти асил тарбия ёбанд.

Унвонҷӯ дар боби сеюм, ки «Метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон» унвон шудааст, масъалаҳои «Тоҷикон» ва методҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон", "Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон», "Меъёр ва нишондиҳандаҳои дараҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон" -ро ба риштаи таҳқиқ кашида, ба хулосае омадааст, ки: асари бунёдии «Тоҷикон"-чун сарчашмаи худшиносии тоҷикон, баёнгари рӯйдод, санаҳои муҳимму давраҳои таърихӣ, чеҳраҳои таърихсоз ва мероси

таърихиву фарҳангии моддиву маънавии халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстиии хонандагон нақши зерин дорад. Аз ҷумла,

- бо далелҳои раднопазири таърихӣ ва қаҳрамониҳои халқи тоҷик дар роҳи озодӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба насли наврас қаҳрамонӣ ва дӯстдору муҳофизи Ватан буданро меомӯзонад;

- чун чароғе ба саҳифаҳои торику фаромӯшшудаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносӣ ва ифтихори миллиро дар хонандагон такмил медиҳад;

- роҳҳои пур аз шебу фарози тайкардаи миллати тоҷик, рӯйдоду воқеаҳо ва хатоҳои онҳоро чун сабақ ба насли ҷавон омӯзонда, ҳунари давлатдории гузаштагонро ба насли имрӯзу оянда талқин менамояд;

- осори фарҳангиву илмии бостонро ба хонандагон омӯзонда, насли наврасро ба хираду заковати гузаштагон шинос менамояд;

- ба сифати таҳқиқоти қадимтарин, қадим, асри миёна пайдоиши ҷомеаи инсониро дар Осиёи Марказӣ то ибтидои асри XX ва давраи нави халқи тоҷикро ба хонандагон шинос намуда, онҳоро ба худшиносии миллӣ ва устувор сохтани хотираи таърихӣ водор менамояд.

Муҳаққиқ зимни баррасии масъалаи “Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон»” омӯзиши асари мазкурро бо гузаронидани чорабиниҳои зерин пешниҳод кардааст, ки бевосита ба омӯзиши бонизом ва мақсадноки асари зикршуда мусоидат мекунад (асос замимаи диссертатсия). Аз ҷумла,

1. Ҳафтаи фаннӣ.
2. Дарсҳои кушод; Дарс- суҳбатҳои таърихӣ
3. Омӯзишҳои умумӣ.
4. Конференсияҳои илмӣ-амалӣ.
5. Семинарҳои илмӣ.
6. Маҳфилҳои саволу ҷавоб. Суҳбатҳои таърихӣ.
7. Навиштани иншо.
8. Таҳияи лоиҳаҳои хурди илмӣ.
9. Вохӯриҳо.

10. Фаъолиятҳои ватандӯстона.

11. Озмунҳои маърифатӣ.

Диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаи “Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон” зимни озмоишҳои педагогӣ вазифаҳои зеринро амалӣ кардааст. Чунончи:

- донистани таъриху фарҳанги халқи тоҷик, муқаддасоти давлатӣ, арзишҳои милливу умумибашариро аз ҷониби хонандагон ба ҳисоб гирифтааст;

- ҷузъҳои асосии технологияи омӯзиши ба хонанда нигаронидашударо дар раванди корҳои беруназдарсӣ ҷиҳати азхуднамоии донишҳои таърихиву фарҳангӣ ба эътибор гирифтааст;

- дар рафти корҳои беруназдарсӣ омӯзиш ва пешрафти хонандагонро дар самти донистани мазмуни асар, маъхазҳои таърихӣ, далелҳои раднопазири он, корномаи халқи тоҷик дар боби талош баҳри озодӣ, ҳифзи Ватан ва ватандӯстӣ назорат карда, бо таҳлили пурсишҳо ва натиҷаҳои озмоиш ҷавобҳоро вобаста ба сатҳи нишондиҳандаҳои баррасишуда ба якчанд гурӯҳ тақсим кардааст, ки ба таври зерин арзёбӣ мегардад. Масалан, ба гурӯҳи якум ҷавобҳои умумии тақсимнашуда дохил мешавад. Гурӯҳи дуюм аз ҷавобҳои хонандагоне иборат аст, ки онҳо мазмуну муҳтавои асарро маълуму номаълум баён мекарданд. Аммо дар байни онҳо ягон робита ба мушоҳида намерасад. Гурӯҳи сеюм ҷавобҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо хонандагон то андозае ҷавобҳои дақиқ медоданд. Ба гурӯҳи чорум ҷавобҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо мазмуну муҳтавои асар пурра ифода меёбад. Хонандагони ин гурӯҳ донишу фаҳмиши пурра дар бораи асари бунёдии “Тоҷикон” ва фаслу бобҳои онро доранд.

Дар охир натиҷаҳои баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии рушди донишҳои хонандагон дар ҳар ду гурӯҳ дар 2 ҷадвал ва 1диаграмма нишон додааст.

Арзиши назариявии тадқиқот дар он аст, ки ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷиҳати илмӣ

асоснок карда шудааст.

Суриева Шакармо Чоршанбиевна ҷиҳати андешаҳои худ ба таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз маъхазҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Зикр мегардад, ки таҳқиқоти аз ҷониби диссертант гузаронидашуда, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, ба рушди илми педагогика саҳми муносиб мегузорад.

Бояд зикр кард, ки автореферати Суриева Шакармо Чоршанбиевна ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат карда, асоснок намудани зарурати мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, усул, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимодбахшии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамояд ва бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст, ки мазмун, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

Диссертатсия ба ба бандҳои 3, 4 ва 5-и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Ба вуҷуди дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти ӯ баъзе камбудҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сифат ва муҳтавои рисолаи илмӣ мегардад. Чунончи:

1. Мувофиқи мақсад аст, агар муҳаққиқ омӯзиши асари бунёдии акдемик Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон”-ро дар шакли дастури таълимӣ пешниҳоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ намояд.

2. Барои боз ҳам мукаммалтар гардидани таҳқиқот хуб мешавад, ки хулосаву андешаи ховаршиносони хоричи кишвар оид ба мавқеи китоби “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар рисола ба таври муфассал баён гардад.

3. Ба манфиати кор мебуд, агар дар диссертатсия оид ба мавқеи анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон маълумоти бештар баррасӣ мегардид.

4. Дар диссертатсия ва автореферати он баъзан ғалатҳои услубиву техникӣ мушоҳида мегарданд, киислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест.

Камбудиҳои зикршуда наметавонанд ба қиммати илмии диссертатсия халал ворид намояд. Муҳаққиқ вазифаву ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро пурра ҳал намудааст.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Суриева Шакармо Чоршанбиевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, мудир, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” Ғафурова Д.Ҷ. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Суриева Шакармо Чоршанбиевна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 22.01.2024, №6).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент — Наботов Ю.Ш.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, Мудири кафедраи педагогика ва психология и.в. дотсент Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ — Ғафурова Д.Ҷ.

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ — Набиев Ҷ.Ғ.

Маълумот барои тамос: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; +992907773610; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

Имзои Ю.Ш.Наботов, Д.Ҷ. Ғафурова,
Ҷ.Ғ. Набиевро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

9.02.2024